## СУРАТҶАЛАСАИ №5

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-081 назди МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ)

**аз 14 июни соли 2025**

Ҳайати шурои диссертатсионӣ иборат аз 11 нафар тасдиқ шудааст.

**Иштирок доштанд:** Раиси шуро – Латифзода Д.Н., муовини раис – Муҳиддинов С. Р., котиби илмӣ Раҳмонов А. А., Мамадазимова М., Глазков М., Махсудзода Ф., Сафаралиев Б., Сукиасян Г., Турсунова М., Шосаидзода С. ва Комилзода Ш.

## РӮЗНОМА

Ба баррасии муқаддамотӣ қабул кардани диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ), роҳбари илмӣ, Шосаидзода Сафар Ҳасан номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносӣ ва таъин намудани комиссияи экспертӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ Д.Н. Латифзода дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали ба шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

## БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ Раҳмонов А.А. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Нодирзода Сайзароб Сайали - диссертатсия ва автореферат (бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон 30 июни соли 2021, №267) мувофиқат мекунанд ва давталаб ҳуҷҷатҳои дигарро низ тибқи муқаррарот пешниҳод намудааст. Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ҷиҳати ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

Диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ), роҳбари илмӣ, Шосаидзода Сафар Ҳасан номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносӣ пешниҳод шудааст, барои ташхиси аввалия қабул карда шавад.

Комиссияи ташхисӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

- Муҳиддинов С. Р. - доктори илмҳои таърих, раиси комиссия;
- Комилзода Ш. - номзади илмҳои педагогӣ, аъзои комиссия;
- Абдумуминзода С. - номзади илмҳои педагогӣ, аъзои комиссия.

Натиҷаи овоздиҳии кушод ба тарафдории карори мазкур: тарафдор - 10 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раиси шурои диссертатсиони,**
**доктори илмҳои педагогӣ** **Латифзода Д. Н.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.п.** **Раҳмонов А. А.**

Имзоҳои Д.Н. Латифзода ва А.А.Раҳмоновро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Ҳамидова З.